Бо фармони
Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон
дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «18» сентябри соли 2020, №72
ТАСДИҚ ШУДААСТ

**Тартиби**
**баррасиии муроҷиати кӯдакон дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Тартиби баррасиии муроҷиати кӯдакон дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Тартиб) раванди қабул, бақайдгирӣ, баррасӣ ва ҳалли муроҷиатҳои кӯдакон, намояндагони онҳо ва дигар шахсонро аз ном ва ба манфиати кӯдакон дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

1.2. Кор бо муроҷиатҳои кӯдакон ва намояндагони қонунии онҳо тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ба амал бароварда мешавад.

1.3. Муроҷиатҳои кӯдакон, намояндагони онҳо ва дигар шахсон аз ном ва ба манфиати кӯдакон аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак, намояндагиҳо ва кабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд.

1.4. Муроҷиатҳои кӯдакон, намояндагони онҳо ва дигар шахсон аз ном ва ба манфиати кӯдакон ройгон баррасӣ карда мешаванд.

1.5. Маҳрамияти қабул ва баррасии муроҷиатҳои кӯдакон ва намояндагони онҳо таъмин карда мешавад.

## 2. ТАРТИБИ ҚАБУЛ ВА БАРРАСИИ МУРОҶИАТҲО

2.1. Муроҷиатҳо дар шакли хаттӣ, шифоҳӣ, электронӣ ва телефонӣ қабул карда мешаванд.

2.2. Муроҷиатҳои намояндагони кӯдакон ва дигар шахсон аз ном ва ба манфиати кӯдакон бояд дорои маълумоти мушаххас оид ба насаб, ном, номи падар, суроға, мазмун ва имзо бошад. Меъёри мазкур нисбати муроҷиати кӯдакон паҳн намегардад.

2.3. Мурочиатҳои кӯдакон, намояндагони онҳо ва дигар шахсон аз ном ва ба манфиати кӯдакон ҳангоми зарурат ба дигар мақомот фиристода мешаванд.

2.4. Оид ба масъалаҳои кӯдакон инҳо мурочиат карда метавонанд:

- кӯдакон;
- намояндагони қонунии кӯдакон (падару модар, ба фарзандхондӣ қабулкардагон, васиён, парасторон ва шахсони онҳоро ивазкунанда);
- дигар шахсон аз ном ва ба манфиати кӯдакон.

2.5. Мурочиатҳо дар давоми як сол аз лаҳзаи вайрон шудани ҳуқуқу озодиҳои кӯдакон ё аз ҳамон рӯзе, ки ба мурочиаткунанда дар бораи вайрон гардидани ҳуқуқҳои кӯдак маълум шудааст, пешниҳод карда мешаванд.

2.6. Муҳлати яксолаи пешниҳод намудани шикоят оид ба вайроншавии ҳуқуқи кӯдакон аз лаҳзаи ба балоғат расидани онҳо ва ё аз лаҳзае, ки вайрон карда шудани ҳуқуқи кӯдакон ба мурочиаткунандагон маълум гаштааст, ҳисоб карда мешавад.

2.7. Мурочиатҳо бо назардошти принсипҳои дастрасӣ, манфиатҳои беҳтарини кӯдак, самарабахшӣ, саривақтӣ, бетарафӣ, шаффофият, ҳисоботдиҳӣ, иштирок, санчиш, вокуниш, амал ва пайгирӣ қабул ва баррасӣ карда мешаванд (Замимаи 1).

2.8. Натичаи қабул ва баррасии мурочиатҳо дар ҳисоботҳои воҳидҳои сохторӣ ва маърӯзаҳои мақомот инъикос карда мешаванд.

## 3. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

3.1. Риояи талаботи Тартиби мазкур барои кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Чумҳурии Точикистон ҳатмӣ мебошад.

3.2. Бо пешниҳоди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ба Тартиби мазкур тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, аз чониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон тасдиқ мегардад.